*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,(бо суроғаи 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Рахимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иктисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.– Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) пешкаш карда шудааст**

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ саноат яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ маҳсуб мешавад ва татбиқи саривақтии равишҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таваҷҷӯҳи хосаро талаб менамояд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиханд, ки ислоҳоти ба амаломада барои таъмини гузариши корхонаҳои саноати сабук ба иктисоди бозорӣ натиҷаи мусбат набахшид. Ин изҳорот бештар ба бад шудани вазъи иқтисодии корхонаҳои саноати сабук марбут буда, аз паст будани сифати маҳсулоти онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ шаҳодат медиҳад. Сабаби асосии чунин вазъи ин корхонахо дар он аст, ки усулҳои идоракунии корхонахои саноати сабук бо назардошти талаботи муосири иқтисоди бозарӣ ҳануз бояд такмил дода шаванд. Ба даст овардани ҳиссаи максималии имконпазири иктисодии фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ ба рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор зич алокаманд аст, зеро маҳз рақобатпазирӣ ҳамоҳангсозии мутақобилаи фаъолияти субъектҳои бозорро таъмин менамояд. Дарачаи рақобатпазирӣ, ки бо мавҷудият ва дарачаи инкишофи бартариятҳои рақобатӣ муайян карда мешавад, метавонад афзалиятҳои гуногуни сохторӣ, иқтисодӣ, идоракунӣ, кадрӣ, сармоягузорӣ ва дигар намудҳоро дар бар гирад. Ҳамаи ин муҳимият ва аҳамияти амалии мавзӯи тадкиқотро муайян мекунад.

Муаллиф чунин мешуморад, ки рақобатпазирии молҳо рақобатпазирии якчанд унсурҳоро нишон медиҳад, аз ҷумла: рақобатпазирии корхонаҳое, ки ин бизнес-сохтор ба он тааллуқ дорад, рақобатпазирии минтақае, ки ин бизнес-сохтор дар он ҷойгир аст ва, ҳамчун сатҳи олӣ, рақобатпазирии кишвар дар маҷмуъ.

Таҳлилҳои гузаронида шуда нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят тамоюли афзоиш дошта, микдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ аз 565 адад ба 619 адад расид, ки суръати афзоиши он 109,6 %-ро ташкил медиҳад. Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан низ тамоюли афзоиш дошта, миқдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ

аз 88 адад ба 93 адад расид. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар давраи таҳқиқотӣ ба андозаи 193,2 % афзуд. Ҳамзамон ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан ба 227,6 % афзудааст. Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноатӣ ва саноати истихроҷи маъдан ба андозаҳои 183,8 ва 310,4 афзуданд.

Дар баробари афзалиятҳо дар автореферат баъзе камбудию норасоиҳо дида мешаванд.

1. Дар саҳ. 13 (расми 1) усулҳои асосии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук номбар карда шудаанд. Мутаасифона дар автореферат таҳлили амиқи ин усулҳо амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф модели иқтисодӣ-риёзии муносибгардонии ҷараёнҳои молиявӣ, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук оварда мерасонад, пешниҳод карда шудааст. Аммо тарзи ҳисобкунии баъзе нишондиҳандаҳои модел норавшан аст.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсия, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ. Р.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

«Имзои Ҷ. Р. Раҳмоновро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Э. Ш. Тавқиев

31. 05. 2023